# Суханронии Сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Др. Худойдодзода Фаррух

Муҳтарам Раиси Шӯрои Парасторон – Доктор Шамш Кассим-Лакҳа ва аъзои Шӯрои Парасторон
Муҳтарам Доктор Максим Хомяков,
Ҳайъати устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ,
Хатмкунандагони азиз ва меҳмонони азиз!

Саравал мехостам аз номи худам ва аз номи Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагони соли 2023 - ро барои бомуваффақият хатм намудани Донишгоҳи Осиёи Марказӣ аз самими қалб табрик намуда, дар корҳо ва таҳсилотиояндаатон муваффақиятҳои назаррасро орзу намоям. Муборак бошад хатмкунандагони азиз!

Ҳозирини гиромӣ, чи тавре ки ба ҳамаи Шумо маълум аст, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо ба имзо расидани шартномаи байналмиллалӣ аз тарафи Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Имомати Исмоилиён соли 2000 – ум таъсис ёфта буд. Бинои аввали Донишгоҳ соли 2016 дар шаҳри Нарини Қирғизистон ба истифода дода шуда, бинои дуввуми Донишгоҳ 14 - уми сентябри соли 2018 дар шаҳри Хоруғ аз тарафи Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман ифтитоҳ гардида буд.

Дар маросими ифтитоҳи расмии Донишгоҳ, Асосгузори сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои Миллат, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карданд:

“Донишгоњи Осиёи Марказї дар шањри Хоруѓ сањифаи нав дар низоми тањсилоти олии касбии мамлакат мебошад… Бовар дорам, ки фаъолияти муассисаи навтаъсис на танњо ба нафъи мамлакати мо мебошад, балки барои густариши њамкорињои бисёрљонибаи кишварњои минтаќа дар соњаи маориф хизмат хоњад кард” (Охири иқтибос).

Бо камоли хушнудӣ ёдовар мешавам, ки аз он замон то инҷониб Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар асоси маслиҳатҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои хеле судманд дорад. Дар байни самтҳои зиёди ҳамкорӣ ман аз муваффақиятҳои зерин шодам.

1) Қабл аз ифтитоҳи расмии Донишгоҳ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ созишномаи ҳамкориро ба имзо расонд, ки он бахри пешрафи фаъолияти таълимию методии Донишгоҳ ба таври назаррас мусоидат менамояд.
2) Барои рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ҳамкорӣ бо “Маркази дарёфт в рушди истеъдодҳо” аз фанҳои математика, биология – химия олимпиадаҳоро барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ташкил намуда буд, ки дар он зиёда аз 370 нафар хонанда аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ширкат варзиданд.

3) Зиёда аз 90% - и хатмкунандагони солҳои 2021 ва 2022 дар ҳудуди минтақа соҳиби ҷойҳои корӣ шуда, бархе аз хатмкунандагон дар донишгоҳои маъруфи ҷаҳон аз қабили Донишгоҳи Саймон Фрейзер, Донишгоҳи Мичиган, Донишгоҳи Тсукуба, Донишгоҳи Алберта ва дигар донишгоҳои маъруфи ҷаҳон таҳсили худро дар зинаи магистратура давом дода истодаанд.
4) Ҳамаи донишҷӯён дар донишкадаҳо ва оҷонсиҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз таҷрибаомӯзӣ мегузаранд.
5) Аз оғози фаъолияти худ дар Тоҷикистон дар соли 2006, Мактаби таҳсилоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳ тавассути 7 маркази омӯзишии худ дар Душанбе, Бохтар, Хуҷанд ва Хоруғ курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиширо оид ба омӯзиши забонҳи англисӣ, технологияи информатсионӣ, соҳибкорӣ, барномаи рушди академикӣ, таълими касбҳои техникӣ аз руи ихтисосҳои дуредгарӣ, сантехника, авто-механика, сохтмони умумӣ, челонгарӣ, баркчӣ ва таъмири асбобҳои рӯзгор ба зиёда аз 119 698 нафар шунавандагон пешниҳод кард.
6) Соли 2023 Мактаби таҳсилоти касбӣ ва муттасил дар шаҳри Хуҷанд 7-умин маркази таълимии худро ифтитоҳ намуд ва дар айни замон дар интизори иҷозатномаи ифтитоҳи Маркази таълимии таъсисдодашуда дар шаҳри Кӯлоб мебошад. Дар ояндаи наздик ифтитоҳи чунин як маркази таълимӣ дар шаҳри Данғара низ дар назар аст. Дар марказҳои мазкур таълими забони англисӣ, технологияҳои иттилоотӣ (аз ҷумла рамзгузорӣ, питон, маркетинги рақамӣ), барномаи рушди академикӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва бисёр курсҳои дигар дар асоси ниёзҳои бозор дар назар аст.
7) Соли 2023 Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Ёддошти таффоҳумро барои ҳамкорӣ дар соҳаи заминшиносӣ ба имзо расонда, дар доираи ин Ёддошти тафоҳум аллакай ҳамкориро ба роҳ мондааст.
8) Дар доираи барномаи Шарикии Донишгоҳҳои Манотиқи Кӯҳистон, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Донишгоҳи Давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев як қатор омӯзишҳо ва ташаббусҳо оид ба такмил додани барномаҳои таълимӣ, маводи омӯзишӣ ва иншооти таълимӣ, махсусан барои факултети иқтисодӣ ва кафедраи геология, гузаронидааст. Қобили зикр аст, ки барои беҳтар намудани таълими фанҳои афзалиятнок бо дастгирии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Донишгоҳи Давлатии Хоруғ 4 лабораторияи геологӣ, китобхонаи рақамӣ, курсҳои забони англисӣ барои 55 нафар омӯзгорон, таҷҳизот барои беҳтар намудани пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва тақрибан 800 китоб, марбут ба иқтисодиёт ва геология, ташкил шуданд.
9) Дар байни лоиҳаҳои гуногуни тадқиқотӣ, Пажӯҳишгоҳи Ҷамъиятҳои Кӯҳистони Донишгоҳ лоиҳаеро оғоз кард, ки аз ҷониби Оҷонсии Иёлоти Муттаҳидаи Америко оид ба рушди байналмилалӣ ё USAID маблағгузорӣ гардида ба маъсалаҳои таъсири тағирот дар захираҳои об ва маҷрои марбут ба истеҳсоли гидроэнергетика ва кишоварзии Тоҷикистон бахшида шудааст. Олимони Пажӯҳишгоҳи Ҷамъиятҳои Кӯҳистони Донишгоҳ соли гузашта дар Конфронси геологияи аврупоӣ дар Вена ду маърӯза пешниҳод карданд ва бо се пажӯҳишгоҳи шарик, Боғи ботаникии Кӯлоб,

Институти биологии Помир, Маркази тадқиқотии кишоварзии Помир дар лоиҳаҳои гуногуни тадқиқотӣ ҳамкорӣ карданд.

10) Дар соли 2022 лоиҳаи 3-сола, таҳти сарпарастии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба «Рушди инфрасохтори устувор» аз ҷониби Институти сиёсати давлатӣ ва идоракунии Донишгоҳ тавассути мактаби аввали тобистона дар Иссиққӯл оғоз гардид. Дар мактаби тобистона коршиносони байналмилалӣ оид ба рушди устувори инфрасохтор ҳамроҳ бо тақрибан 25 намояндаи ҳукуматӣ аз Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, гирди ҳам омаданд. Платформаи рақамӣ бо маводи таълимӣ сохта шудааст ва як қатор чорабиниҳо то мактаби дуюми тобистона ба нақша гирифта шудаанд.

Ҳозирини гиромӣ! Боварии комил дорам, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо Вазорати Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои зичро ба роҳ монда, дар оянда низ дар соҳаи маорифи кишвар саҳми назарраси худро хоҳад гузошт.

Дар охир бори дигар хатмкунандагони соли 2023 ва волидонашонро бо маросими хатми Донишгоҳ табрику таҳният гуфта, барои ҳар яки Шумо муваффақиятҳои калонро орзумандам.

Ҳамеша сарбаланду муваффақ бошед!